***ТДУ 311***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-279-105-112***

## ҚОБИЛИЯТ ҲАМЧУН ДАРАҶАИ БАЛАНДИ ИСТИФОДАБАРИИ ДОНИШ, МАҲОРАТ ВА МАЛАКАҲОИ ПЕДАГОГӢ

***Раҳмонова Дилбар Зикриёевна,*** *н.и.п., дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## СПОСОБНОСТИ КАК ВЫСОКАЯ СТЕПЕНЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ, УМЕНИЙ И НАВЫКОВ

***Рахмонова Дилбар Зикриёевна,*** *к.п.н., доцент кафедры социальной и профессиональной педагогики факультета начального образования и специальной педагогики ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова»(Таджикистан, Худжанд)*

## ABILITIES AS A HIGH DEGREE OF USING PEDAGOGICAL KNOWLEDGE, SKILLS AND ABILITIES

***Rahmonova Dilbar Zikriyoevna,*** *Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Social and Professional Pedagogy, Faculty of Primary Education and Special Pedagog, SEI "KhSU named after acad.B. Gafurov", (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *dilbar_sns@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *қобилият, дониш, маҳорат, малака, аломатҳои қобилият, истеъдод, нобиға, эҷодиёт.*

*Дар замони таҳаввулоти илмиву техникӣ талабот ба шахсони навовару эҷодкор рӯз то рӯз меафзояд. Аз шахсияти имрӯза дар ҳамаи соҳаҳо навовариву эҷодкорӣ талаб карда мешавад. Аз ин лиҳоз, вазифаи асосии мактабҳои таҳсилоти умумӣ– баланд бардоштани сатҳи маърифатии толибилмон, ташаккули фаолияти фикрӣ ва эҷодии онҳо мебошад. То имрӯз дар бораи қобилиятҳо сухан ронда, мо танҳо ин намуди қобилиятҳоро дар назар медоштем. Аммо натиҷаи тадқиқотҳои иҷтимоӣ-психологӣ нишон медиҳад, ки муҳити муошırати одамон инкишофи дигар намудҳои қобилиятро талаб менамояд. Мисол: дар муқоиса бо қобилиятҳои амалӣ - предметӣ ҳақиқат он аст, ки шахсе ки бо предметҳои беҷон эҷодкорона фаъолият мебарад, бо мардум бо ҳамин гуна маҳорат муоширатро ба роҳ монда наметавонад ва баръакс. Таҳқиқоти равоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ аз марҳилаҳои хеле аввали зуҳури қобилиятҳои маърифатӣ дар кӯдакон шаҳодат медиҳанд. Аввалин зуҳуроти қобилиятҳоро аллакай дар синни барвақт мушоҳида кардан мумкин аст – майли кӯдак ба ягон намуди фаъолият. Дар инкишофи қобилиятҳо якчанд марҳиларо ҷудо кардан мумкин аст. Дар мақолаи мазкур марҳилаҳои инкишофи қобилиятҳо шарҳ дода шуда, нақши қобилият дар истифодабарии дониш, маҳорат ва малакаҳои педагогӣ муайян карда шудааст.*

***Ключевые слова****: способности, знания, умения, навыки, признаки способностей, талант, гениальность, творчество*

*В статье рассматриваются вопросы наличия у личности тех или иных способностей, чего требует научно-технический прогресс, порождающий спрос на инновационных и творческих людей. От современной личности во всех сферах требуются инновации и творчество. С этой точки зрения основной задачей общеобразовательной школы является повышение познавательного уровня учащихся, развитие их интеллектуальной и творческой активности. Исследования отечественных и зарубежных психологов говорят об очень ранних сроках проявления познавательных способностей у детей. Отмечается, что первые проявления способностей можно заметить уже в раннем детстве – склонность к какому-либо виду деятельности. К примеру, Моцарт с трех лет сочинял музыкальные произведения, а в шесть лет написал фортепьянный концерт; в четырехлетнем возрасте проявились способности к рисованию у И. Е. Репина. Но наиболее интенсивно и ярко способности начинают развиваться в 3-4 года. В раннем детстве только закладываются общие предпосылки развития способностей, что проявляется в освоении основных движений и предметных действий, в формировании активной речи. О наличии данных способностей свидетельствует, например, точность, дифференцированность восприятия, умение вычленить наиболее характерные свойства предметов, способность разобраться в сложных ситуациях, найти наиболее оптимальное решение, предполагающее наличие изобретательности и оригинальности ума, наблюдательности, смекалки. Любые признаки способностей должны пройти длительный период*

*развития, чтобы стать талантом. Для многих способностей человека этот этап начинается со дня рождения и во многих случаях длится до конца жизни.*

*В развитии способностей можно выделить несколько этапов. В статье поясняются этапы развития способностей, определяется роль способностей в использовании знаний, умений и педагогических умений.*

***Key words:*** *abilities, knowledge, skills, abilities, signs of abilities, talent, genius, creativity.*

*In the era of scientific and technological development, the demand for innovative and creative people is growing every day. Innovations and creativity are required from a modern person in all areas. From this point of view, the main task of a comprehensive school is to improve the cognitive level of students, develop their intellectual and creative activity.Research by domestic and foreign psychologists indicates very early manifestations of cognitive abilities in children. The first manifestations of abilities can be noticed already in early childhood - a tendency to some kind of activity. For example, Mozart began composing musical pieces at the age of three, and wrote a piano concerto at the age of six; at the age of four, I.E. Repin showed an ability to draw. But abilities begin to develop most intensively and vividly at the age of 3-4. In early childhood, only the general prerequisites for the development of abilities are laid, which is manifested in the mastery of basic movements and object actions, in the formation of active speech. The presence of these abilities is evidenced, for example, by the accuracy, differentiation of perception, the ability to isolate the most characteristic properties of objects, the ability to understand complex situations, find the most optimal solution, which presupposes the presence of ingenuity and originality of mind, observation, ingenuity.Any signs of abilities must go through a long period of development to become a talent. For many human abilities, this stage begins on the day of birth and in many cases lasts until the end of life.Several stages can be distinguished in the development of abilities. This article explains the stages of development of abilities, defines the role of abilities in the use of knowledge, skills and pedagogical skills.*

Вақте фикр мекунем, ки барои чӣ одамон дар шароитҳои гуногуни зиндагӣ ба муваффақиятҳои гуногун ноил мегарданд, мо аз мафҳуми «қобилиятҳо» истифода мебарем. Ба саволи чаро як гурӯҳи одамон донишҳои нав ва ахбороти тозаро ба зудӣ қабул мекунанду гурӯҳи дигар ба чизе эътибор ҳам намедиҳад, мафҳуми «қобилият» ҷавоб мегӯяд.

Пас, қобилият чист?

Ба ин савол ҷавоб додан ҳам осон асту ҳам душвор. Осон барои он аст, ки мафҳуми «қобилият» дар ҳаёти ҳамарӯзаи мо истифода карда мешавад ва ҳар инсон ин мафҳумро ба таври худ мефаҳмад.

Душвор барои он аст, ки мафҳуми «қобилият» аз давраҳои хеле қадим истифода мегардад ва аз тарафи олимон (аз нуқтаи назари илмӣ) ба таври гуногун шарҳ дода мешавад.

Қобилият гуфта, чунин хусусиятҳои индивидуалӣ-психологии одамонро меноманд, ки онҳо талаботҳои фаъолияти муайянро қонеъ мегардонад ва шарти бомуваффақият иҷро намудани он мебошанд.

Ғайр аз ин қобилият аз якчанд ҷиҳат тасниф карда мешавад:

1. Қобилият - хусусияти равонии инсон аст, ки ҳамчун маҷмуи равандҳо ва ҳолатҳои психикӣ фаҳмида мешавад.
2. Қобилият - дараҷаи баланди инкишофи маҳорат, малака ва донишҳои махсус буда, барои инсон ба дараҷаи аъло иҷро намудани ҳамагуна фаъолиятро таъмин менамояд.
3. Қобилият - ба маънии дониш, маҳорат ва малака наомада, тарзи ба даст овардани онҳо, мустаҳкамкунӣ ва истифодабарии онро муайян месозад.

Дар коркарди назарияи умумии қобилиятҳо саҳми олими рус Теплов Б.М. хеле назаррас мебошад, ки маҳз ӯ вазифаи сеюми қобилиятро пешниҳод кардааст, ки мо зимни тадқиқотҳоямон ба он такя мекунем [14,с.9-20]

Дар зимни «қобилият» аз нуқтаи назари Теплов Б.М. 3 мафҳуми асосӣ гирд оварда шудааст.

Аввал ин, ки зери мафҳуми «қобилият» хусусиятҳои фардӣ-психологии шахс фаҳмида мешавад, ки онҳо як шахсро аз шахси дигар фарқ мекунонанд. Дувум, на ҳама хусусияти фардии шахс ҳамчун қобилият қабул карда мешаванд. Қобилият он аст, ки зимни иҷрои ягон фаъолият шахс ба комёбии назаррас муваффақ гардад. Савум, қобилият ҳамчун мафҳум ба маънии дониш, маҳорат ва малакаҳое, ки дар инсон аллакай коркард шудаанд, фаҳмида намешавад.

Инсон соҳиби якчанд қобилиятҳои гуногун мебошад. Дар мавриди аввал, бояд қобилиятҳои муқаррариро аз қобилиятҳои душвор фарқ карда тавонем. Он қобилиятҳое муқаррарӣ ё сода номида мешаванд, ки бо фаъолияти ин ё он узви ҳис алоқаманд ҳастанд, ё бо ҳаракатҳои одӣ, фарқ намудани ранг, ҳаҷм, бӯй, мазза маънидод карда мешаванд. Ин гуна қобилиятҳо дар инсон аз рӯзи таваллуд вуҷуд дошта, дар давоми ҳаёт ва фаъолияти вай ташаккул меёбанд. Он

қобилиятҳое, душвор номида мешаванд, ки бо ин ё он фаъолияти инсон (техника, риёзиёт, санъат, мусиқӣ, адабиёт ва ғайра) алоқаманд ҳастанд. Ҳамаи ин қобилиятҳо модарзодӣ набуда, онҳоро ба иборaи дигар вобастагии ҷамъиятӣ низ меноманд. Инсон соҳиби қобилиятҳои умумӣ ва махсус мебошад, ки дар навбати худ онҳо ба содаву мураккаб ҷудо мешаванд. Шарҳи ҳар як намуди қобилиятро тариқи расм нишон медиҳем.

***Расми 1***.




***Расми 2.***




***Расми 3.***






***Расми 4.***

Қобилиятҳои умумии сода чунин қобилияте мебошанд, ки ба ҳамаи одамон хос ҳастанд ва ба он чунин шаклҳои асосии инкишофи психикӣ дохил мешаванд: қобилияти эҳсос ва идрок намудан, қобилияти бахотиргирӣ, ҳискунӣ, фикркунӣ, қабули қарор ва иҷрои он.

Қобилияти махсуси сода на ба ҳамаи одамон хос мебошад. Дар он ҷиҳатҳои сифатноки равандҳои психикӣ ифода меёбанд.

Қобилияти умумии мураккаб - қобилият ба намудҳои умумиинсонии фаъолият аст: ба меҳнат, омӯзиш, бозӣ, муошират.

Назардид - ин қобилияти бо аниқии гуногун баҳо додан ва муқоиса намудани андозаю бузургиҳои объектҳои ба таври биноӣ даркшаванда, фосилаи байни онҳо ва масофа то ба онҳо мебошад.

Қобилияти махсуси мураккаб - қобилият ба фаъолиятҳои муайяни касбӣ мебошад, ки дар ҷараёни таърихи маданияти инсонӣ ба вуҷуд омадааст. Намудҳои дигари қобилият назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Қобилиятҳои назариявӣ - майлу рағбат доштани инсон ба тафаккури мантиқӣ - абстрактӣ, маҳорати дуруст ҳал карда тавонистани масъалаҳои назарияviро муайян месозад. Қобилиятҳои назариявӣ ҳангоми дуруст ва босифат ҳал карда тавонистани масъалаҳои назариявӣ, ки бо амалҳои конкретии ҳақиқии дар ҳаёт ба вуҷудоянда алоқаманд ҳастанд, ба вуҷуд меояд.

Масалан, қобилиятҳои назариявӣ дар мавриди ягон мафҳумро муайян карда тавонистан, ягон фарзияро шарҳу эзоҳ додан, ақлан муҳокимаву таҳлил кардан, пешниҳоди ғояҳои нав зоҳир мешавад.

Қобилиятҳои амалӣ дар маҳорати аз ҳодисаҳои душвори ҳаётӣ роҳ ёфта тавонистани инсон зуҳур меёбанд.

Ҳамчунин қобилиятҳои таълимӣ ва эҷодиро фарқ мекунанд. Онҳо аз ҳам бо он фарқ мекунанд, ки якумин саъю кӯшиши инсонро барои дарк намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо муайян месозанд. Дуюмин дар ташкил ва ихтирои чизи нав, дарёфти тадқиқоти нави илмӣ дар соҳаҳои мухталиф, фароҳам овардани шароитҳои нав ва технологияҳои замонавӣ барои рушди техника ва фарҳангу маърифат саҳми босазо мегузорад.

Қобилиятҳои коммуникативӣ чунин қобилиятҳое мебошанд, ки дар худ маҳорат, малака ва донишҳои бо муошират, муносибатҳои байнишахсӣ, баҳодиҳӣ, мубодилаи афкор, воситаҳои таъсиррасонӣ ба одамонро таҷассум менамоянд.

То имрӯз дар бораи қобилиятҳо сухан ронда, мо танҳо ин намуди қобилиятҳоро дар назар медоштем. Аммо натиҷаи тадқиқотҳои иҷтимоӣ-психологӣ нишон медиҳад, ки муҳити муошират одамон инкишофи дигар намудҳои қобилиятро талаб менамояд.

Таҳқиқоти равоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ аз марҳилаҳои хеле аввали зуҳури қобилиятҳои маърифатӣ дар кӯдакон шаҳодат медиҳанд. Аввалин зуҳуроти қобилиятҳоро аллакай дар синни барвақт мушоҳида кардан мумкин аст – майли кӯдак ба ягон намуди фаъолият. Масалан, бастакори машҳур Мотсарт аз синни сесолагӣ асарҳои мусиқӣ эҷод мекард, рассоми шинохта Е.Репин дар синни чорсолагиаш қобилияти расмкашии худро нишон дода буд. Дар давраи кӯдакӣ аломатҳои аввалини қобилият ба вуҷуд меоянд, ки он дар зимни азхудкунии ҳаракатҳои асосӣ ва амалҳои объективӣ, ташаккули нутқи фаъол зоҳир мегардад ва агар ин аломатҳо ташаккул дода нашаванд, онҳо дар оянда аз байн рафтанашон мумкин аст.

Дар ташаккули қобилиятҳои коммуникативӣ омилҳои ташаккулёбии он ва аломатҳои махсусро қайд кардан бомаврид аст. Масалан, яке аз онҳо қобилияти овози модарро шинохтани кӯдаки навзод мебошад, ки он муносибати ояндаи модару кӯдакро муайян месозад.

Маҳорати ҳосил кунонидани ҳисси боварӣ, ба миён овардани ҳамдигарфаҳмӣ, ба одамон таъсири мусбӣ расониданро низ қобилият номидан бомаврид аст.

Истилоҳҳои «истеъдод», «нобиға», «маҳорат» дар қатори мафҳуми қобилият истифода бурда мешаванд.

Шахси боистеъдод он аст, ки вай аллакай аз замони навзодиаш аломатҳои қобилиятро доро аст.

Шахси бомаҳорат он аст, ки бо қобилиятҳои махсуси ба дараҷаи олӣ инкишофёфтааш, дар ин ё он намуди фаъолият ба комёбиҳои назаррас ноил мегардад.

«Нобиға» - шахсест, ки дар ягон намуди фаъолият ихтироъкори беҳамто аст, ё ба ягон соҳаи ҷамъиятиву илмӣ навовариҳои назаррасро ворид сохтааст. Қобилиятҳо танҳо дар мавриди дурусту бомаврид истифода бурдани онҳо ташаккул меёбанд. Қобилияте, ки дар амал истифода бурда намешавад, бо гузашти вақт аз байн меравад. Танҳо ба туфайли машқҳои бисёркарата, ки бо ин ё он фаъолият алоқаманд ҳастанд, инсон қобилиятҳои худро ташаккул дода метавонад. Муваффақият ҳангоми иҷрои ин ё он фаъолият на аз як, балки аз омезиши якчанд намуди қобилиятҳо вобастагӣ дорад.

Ҳамагуна аломатҳои қобилият барои ба истеъдод табдил ёфтан, бояд марҳилаи дурударози инкишофро аз сар гузаронанд. Барои бисёр қобилиятҳои инсонӣ ин марҳила аз рӯзи ба дунё омадан оғоз меёбад ва дар бисёр маврид то охири умр давом мекунад.

Дар инкишофи қобилиятҳо якчанд марҳиларо ҷудо кардан мумкин аст. Дар яке аз ин марҳилаҳо омодагии асосии анатомӣ-физиологии қобилиятҳо ба амал меояд, дар дигараш қобилиятҳои муқаррарӣ ташаккул меёбанд, ки ба таркиби қобилиятҳои мураккаб ворид мешаванд, дар марҳилаи сеюм бошад, қобилиятҳо ба дараҷаи олии инкишоф мерасанд. Марҳилаҳои дар боло зикршударо дар мисоли инкишофи қобилиятҳое, ки асоси онҳоро нишонаҳои анатомӣ-физиологии қобилиятҳо ташкил мекунанд, дида мебароем.

Марҳилаи аввал. Инкишофи ин гуна қобилиятҳо бо ташаккули сохти органикии организм ё инкишофи узвҳои лозимаи дар асоси он ташаккулёфта алоқаманд аст. Ин марҳила синни томактабӣ, ё давраи 6-7 солагиро дар бар мегирад. Дар ин давра фаъолияти кори ҳамаи анализаторҳо ба хубӣ ташаккул ёфта, алоқамандии байни онҳову узвҳои ҳаракат ба вуҷуд меояд. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ барои инкишофи қобилиятҳои умумӣ ва ташаккули ҳаматарафаи кӯдак шароитҳои мусоидро фароҳам меоварад.

Марҳилаи дуюм. Ташаккули олидараҷаи қобилиятҳои умумӣ ба он мусоидат менамояд, ки нишонаҳои қобилиятҳои махсусро дар кӯдак пайдо созем. Ташаккули қобилиятҳои махсус дар синни хурди мактабӣ оғоз гардида, дар синфҳои болоӣ давом меёбад. Барои инкишофи қобилиятҳои махсус бозиҳои бачагона нақши муҳим бозида, сипас ба он фаъолияти таълимиву меҳнатӣ мусоидат менамояд.

Марҳилаи сеюм. Бисёрнақшагӣ ва рангорангии намудҳои фаъолияти инсон яке аз шартҳои асосии инкишофи қобилиятҳои вай мебошад. Дар алоқамандӣ бо ин масъала риояи якчанд талаботҳо мувофиқи мақсад аст: хислати эҷодӣ доштани фаъолият, дараҷаи муносиби мушкилиҳои он, сабабҳои амиқ барои фаъолият ва ғайра.

Ҳамин тавр, барои бомуваффақият ташаккул додани қобилиятҳо шартҳои зерин бояд риоя карда шаванд:

1. Ҳар чи пештару барвақттар муайян сохтани аломат ва нишонаҳои қобилият, ки дар кӯдак аз рӯзи таваллуд вуҷуд доранд.
2. Ҷалб намудани кӯдак ба ҳамон намудҳои фаъолият, ки дар он қобилиятҳои мушоҳидашуда ташаккул ва инкишоф меёбанд.
3. Ҳамроҳ кардани кӯдак ба намудҳои гуногуни фаъолият бо мақсади инкишофи якчанд намуди қобилиятҳо.
4. Мавҷуд будани муаллимони аз ҷиҳати психологиву педагогӣ омода, ки худ қобилиятҳои нотакрорро соҳиб ҳастанд.
5. Истифодаи самарабахши роҳ ва усулҳои муосири таълим.

6. Ҳавасмандкунии инкишофи қобилиятҳо бо воситаи далеловарии фаъолиятҳое, ки ин қобилиятҳоро ташаккул медиҳанд.

Бавуҷудоӣ ва ташаккули қобилиятҳо-натиҷаи омӯзонидан буда, чӣ қадаре, ки мустаҳкамкунӣ дар сатҳи баланд қарор гирад, омӯзонидан ҳамон қадар самараи хуб мебахшад [13,с.312].

Дараҷаи баланди қобилияти шахс ба фаъолияти муайян, ки дар шакли бемислу монанди муносибат зоҳир мешавад ва барои ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоят баланд имкон медиҳад, истеъдод ном дорад.

Нобиға - дараҷаи баланди лаёқат аст. Эҷодиёти шахси нобиға барои ҷамъият аҳамияти таърихӣ ва мусбат дорад.

Маҳорат - қобилияти муайяне мебошад, ки аз рӯзи таваллуд ба инсон дода шуда, дар мавриди ба даст овардани донишу малакаҳо ташаккул меёбад. Олимон намудҳои муайяни маҳоратро, ки хоси ин ё он дараҷаи одамон аст, ҷудо мекунанд.

Дар аввали солҳои 80-ум олим Говард Гарднер китоберо бо номи «Чорчӯбаи ақл» таълиф намуд, ки дар он 8 намуди маҳоратро муайян шудааст:

1. Интеллектуалӣ - (фаъолияти фикрӣ);
2. Рақамӣ – (қобилияти ҳисобкунӣ ва барномасозӣ);
3. Шунавоӣ – (мусиқачиён, забоншиносон);
4. Фазоӣ – (мусаввирон, ороишгарон);
5. Ҷисмонӣ – (варзишгарон, раққосаҳо);
6. Шахсӣ – (ҳиссиётҳои дохилӣ);
7. Байнишахсӣ – (сиёсатмадорон, савдогарон, нақшофарандагон)

Маҳорати муҳити атроф – (ромкунандагон, заминдорон) [18,с.318].

Равоншинос В.А. Моляко дар тадқиқотҳои худ нишон медиҳад, ки таркиби имкониятҳои эҷодӣ ё худ сохти маҳоратро инҳо ташкил мекунанд:

- нишонаҳои қобилият, лаёқат, кӯшишу ғайрат, ки ҳангоми ҳиссиёти баланд зуҳур меёбад;
- интихоби муайян, завқу хоҳиш, серҳаракатии равандҳои руҳӣ;
- кунҷкобӣ, кӯшиши чизи нав пайдо кардан, қобилияти ҳал карда тавонистани масъалаҳо;
- тез қабул карда тавонистани ахборот;
- қобилияти муқоисакунӣ, баҳамгузорӣ;
- зоҳиркунии фаъолияти фикрӣ (фаҳмидан, худбаҳодиҳӣ, қатъият, ҷустуҷӯ). мақсаднокӣ, қатъият, меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ [11,с.28].

Алоқамандии ин ҳодисаҳоро дар ҷадвали зайл нишон медиҳем:

***Расми 5***.



***Намудҳои асосии фаъолияти эҷодиро чунин тасниф мекунанд:***

1. Илмӣ-мантиқӣ;
2. Техникӣ-конструктивӣ;
3. Обуранги бадеӣ;
4. Лафзӣ-манзумӣ;
5. Мусиқавӣ-ҳаракатӣ;
6. Амалӣ-технологӣ;
7. Ҳодисавӣ.

Ҳамин тавр, сохти пешниҳодшудаи маҳорат, намудҳои гуногуни истеъдодро тасниф намуда, хусусиятҳои асосии онро муайян месозад. Зери аломатҳои қобилият на худи қобилиятҳо, балки заминаи инкишофи онҳо фаҳмида мешавад. Аломати қобилият - чизест, ки инсон аллакай онро доро аст. Дар инсон ду намуди нишонаи қобилият мавҷуд аст: модарзодӣ ва пайдоишӣ.

Қобилиятҳои модарзодиро табиӣ низ меноманд, қобилиятҳои пайдоишӣ бошанд, дар натиҷаи омӯхтан ба вуҷуд меоянд. Асосҳои анатомӣ-физиологии аломатҳои қобилиятро чӣ ташкил медиҳад? Муддати дурудароз чунин ақида вуҷуд дошт, ки дар инкишофи қобилиятҳо вазни мағзи сар нақши бузург мебозад. Чи қадаре, ки вазни сар вазнин бошад, ҳамон қадар шахс дорои қобилиятҳои гуногун аст. Аммо ин ақида бо 2 сабаб инкор карда шуд. Аввал, ин ки вазни мағзи сари баъзе ҳайвонҳо (мисли, фил, наҳанг) аз вазни мағзи сари инсон бузургтар аст. Дувум, исбот гардид, ки вазни мағзи сар бо қобилиятҳо алоқамандӣ надорад. Бисёр одамоне ёфт шуданд, ки дар баробари соҳиби мағзи сари сабук буданашон қобилиятҳои ба дараҷаи олӣ ташаккулёфтаро доро буданд ва ё баръакс, соҳибони мағзи сари вазнинтарин, ғайр аз қобилиятҳои муқаррарӣ ҳеҷ чизро пешкаш карда натавонистанд.

Дар ҳалли муаммои асоси анатомӣ-физиологии нишонаҳои қобилиятро чӣ ташкил намуданаш, физиологи бузурги рус И.П. Павлов ҳиссаи арзанда гузоштааст. Се ҷуфт хусусияти асосии системаи асаб: пурқувватӣ-бемадорӣ, серҳаракатӣ-беҳаракатӣ, ботамкинӣ-ҳардамхаёлиро ошкор сохта, олим чунин ақидаро пешниҳод сохт, ки маҳз хусусиятҳои системаи асаб асоси физиологии нишонаҳои қобилиятро ташкил карда метавонанд [1,с.15-32]. Вале ин ақида низ инкор карда шуд. Сабаб дар он буд, ки хусусиятҳои системаи асаб танҳо ба вижагиҳои динамикии хусусиятҳои равандҳои психикӣ, ҳолат ва рафтори инсон, ки ба онҳо ҳамаи қобилиятҳоро дохил намудан ғайриимкон аст, таъсир мерасонанду халос.

То имрӯз оид ба ин масъала байни олимон гуногунандешагӣ вуҷуд дорад. Агар гурӯҳи аввал хусусиятҳои ирсӣ-меросиро сабаби пайдошавии қобилиятҳои эҷодӣ донанд, гурӯҳи дигар тарафдори ақидаанд, ки омилҳои атроф (оила, муҳит, коллектив) барои ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ мусоидат менамояд. Таъсири муҳит аз рӯзҳои аввалини ба дунё омадани кӯдак мушоҳида карда мешавад. Масалан, дугоникҳои навзод на танҳо намуди зоҳирии якхела, балки хусусиятҳои якхела доранд. Инсон аз рӯзи таваллуд чунин хусусиятҳоеро доро мебошад, ки дар натиҷа ин хусусиятҳо барои инкишофи ҳаматарафаи шахсияти вай мусоидат менамоянд. Қобилиятҳои олие, ки танҳо ба инсон хос ҳастанд, инҳо қобилиятҳои бадеӣ, техникӣ, забоншиносӣ, мусиқӣ, математикӣ ва ғайра мебошанд. Назар ба қобилиятҳои умумӣ ин намуди қобилиятҳо дар шакли дигар ба вуҷуд меоянд ва ташаккули онҳо ба аломатҳои дар одам мавҷудбудаи қобилиятҳо вобастагӣ дорад.

Шароитҳо ва заминаи ташаккули қобилиятҳои олии инсон инҳоанд:

1. Мавҷудияти ҷамъият, муҳити иҷтимоӣ—маънавӣ, ки бо меҳнати якчанд насли инсон офарида шудааст. Ин муҳит сунъӣ буда, дар худ маданиятҳои руҳӣ ва маънавиро, ки аз тарафи инсон барои ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ дарк карда мешаванд, таҷассум менамояд.
2. Дар шахс вуҷуд надоштани ягон нишонаи қобилиятҳои модарзодӣ, зимни омӯзиши ин ё он фан ташаккул наёфтани онҳо.
3. Иштироки инсон дар намудҳои мураккаб ва ба дараҷаи олӣ ташкилшудаи фаъолияти шахс.
4. Мавҷудияти шахсони соҳибмаълумот ва лаёқатманд, ки қобилиятҳои махсусро соҳиб буда, ба шахси дигар онро мерос гузошта метавонанд. Дар баробари ин маҳорат ва малакаҳои зарурӣ омӯзонида шуда, воситаҳои зарурии таълимӣ пешниҳод карда мешаванд.

Ҳар яке аз ин шароитҳо барои он мусоидат менамоянд, ки инсон аз махлуқи биологӣ (чӣ хеле, ки вай ба дунё меояд) ба шахсияти ҷамъиятӣ, ки қобилиятҳои олии инсониро соҳиб аст, мубаддал гардад.

**АДАБИЁТ:**


1. Ананьев, Б.Г. О соотношении способностей и одаренности/Б.Г.Ананьев//Проблемы способностей. – М.: Изд-во Академия педагогических наук РСФСР, 1962. – С. 15 – 32.
2. Венгер, А.А. Педагогика способностей/А.А.Венгер.-М.: Знание, 1973.- С. 74 – 75
3. Видинеев, Н. В. Природа интеллектуальных способностей/Н.В.Видинеев.–М., 1983. – 183 с.
4. Гоноболин, Ф.Н. О педагогических способностях учителя/Ф.Н.Гоноболин. -М., 1964.
5. Голубева Э.А. Способности и индивидуальность/Э.А.Голубева.–М.: Прометей, 1993.
6. Дружинин, В.Н. Психология общих способностей/В.Н.дружинин.–СПб.:Изд-во«Питер»,– 2000. – 368 с.
7. Линькова, Н.П. Игры, игрушки и воспитание способностей/Н.П.Линькова.-М.:Педагогика, 1969.- С. 14
8. Лук, А.Н. Мышление и творчество/А.Н.Лук.- М.: Педагогика, 1976.- С. 30
9. Лутфуллоев, М. Педагогикаи башар/М.Лутфуллоев. - Душанбе, 2008.
10. Львова, Ю.П. Творческая лаборатория учителя/ Ю.П.Львова.-М.: Просвещение, 1992
11. Моляко,В.А.Психология творческой деятельности/В.А.Моляко.-М.Высшая школа,1978.– С.28
12. Мудрик, А.В. Учитель: мастерство и вдохновение/А.В.Мудрик.-М. Просвещение, 1986
13. Платонов, К.К. Проблемы способностей/К.К.Платонов. – М.: Наука, 1972. – 312 с.
14. Теплов,Б.М.Проблемы индивидуальных различий/Б.М.Теплов.-М.:Просвещение,1961.-с. 9-20
15. Теплов,Б.М. Способности и одаренность/Б.М.Теплов.-В кн.: Психология. -М.:,1948.
16. Тихомиров, О.К. Структура мыслительной деятельности человека/О.К.Тихомиров.–М.: Изд-во МГУ, 1969. – 400 с.
17. Холодная, М.А. Психология интеллекта: парадоксы исследования/М.А.Холодная.–М.: «Барс», 1997. – 391 с.
18. Шадриков, В.Д. Психология деятельности и способностей человека: Учебное пособие. – 2-е изд., перераб. и доп./В.Д.Шадриков. – М.: Издательская корпорация «Логос», 1996. – 318 с.
19. Шадриков, В.Д. Способности и деятельность/В.Д.Шадриков.–М., 1995. – 405 с.
20. Ященко, Е.Ф. Психология специальных способностей: Учебное пособие/Е.Ф.Ященко.– Челябинск: Изд-во ЮУрГУ, 2001. – Ч. I. – 62 с.


**REFERENCES:**


1. Ananyev, B.G. On the relationship between abilities and giftedness // Problems of abilities. - M.: Publishing house of the Academy of Pedagogical Sciences of the RSFSR, 1962. - P. 15 - 32.
2. Venger A.A. Pedagogy of abilities. M.: Knowledge, 1973.- P. 74 - 75
3. Vidineev N.V. The nature of intellectual abilities. - M., 1983. - 183 p.
4. Gonobolin F.N. On the pedagogical abilities of the teacher. - M., 1964.
5. Golubeva E.A. Abilities and individuality. - M.: Prometheus, 1993.
6. Druzhinin V.N. Psychology of general abilities. - St. Petersburg: Piter, - 2000. - 368 p.
7. Linkova N.P. Games, toys and education of abilities. - Moscow: Pedagogy, 1969.- P. 14
8. Luk A.N. Thinking and creativity. - Moscow: Pedagogy, 1976.- P. 30
9. Lutfulloev M. Pedagogy and creativity. - Dushanbe, 2008.
10. Lvova Yu.P. Creative laboratory of the teacher. - Moscow: Enlightenment, 1992
11. Molyako V.A. Psychology of creative activity. - Moscow: Higher School, 1978. - P. 28.
12. Mudrik A.V. Teacher: skill and inspiration.-Moscow:Enlightenment, 1986.
13. Platonov K.K. Problems of abilities. - Moscow: Science, 1972. - 312 p.
14. Teplov B. M. Problems of individual differences. - M.: Enlightenment, 1961. -P. 9-20
15. Teplov B. M. Abilities and giftedness. - In the book: Psychology. - M., 1948.
16. Tikhomirov,O.K.Structure of human mental activity. - M.: Moscow State University, 1969. - 400 p.
17. Kholodnaya,M. A. Psychology of intelligence: research paradoxes. - M.: Bars, 1997. - 391 p.
18. Shadrikov,V. D. Psychology of human activity and abilities: Textbook. - 2nd ed., revised. and enlarged. - M.: Logos Publishing Corporation, 1996. - 318 p.
19. Shadrikov, V. D. Abilities and activities. – M., 1995. – 405 p.
20. Yashchenko E.F. Psychology of special abilities: Textbook. – Chelyabinsk: Publishing house of SUSU, 2001. – Part I. – 62 p.